# ТЕХНОЛОГИЯИ КОРКАРДИ ИТТИЛООТИ ГРАФИКӢ

Графиксозии компютерӣ яке аз самтҳои замонавии татбиқи технологияи иттилоотӣ ба ҳисоб рафта, аз он натанҳо рассомон ё дизайнерони касбӣ, балки ҳар нафари хоҳишманд низ метавонад бо ёрии компютери фардӣ ба таври васеъ истифода барад.

***Дизайн*** *(англ. design) - сабк ё санъати оройишдиҳӣ.* ***Дизайн*** *(лот. designare) – ченкунӣ.* ***Дизайнер*** *- муҳандис-тарҳкаш, оройишгар, зебоисоз.*

Дарвоқеъ, имрӯз ягон соҳаи иқтисодиёт, илм, маориф, тандурустӣ, кишоварзӣ, хизматрасонӣ ё корхона, идора, муассиса, ташкилот ва созмони алоҳидаеро номбар кардан мушкил аст, ки вай аз ин ё он имконият ё дастоварди графиксозии компютерӣ баҳравар нагашта бошад. Татбиқи одитарини технологияи графики компютериро дар маводҳои нашрии рӯзномаҳо, маҷаллаҳо, варақаҳо, буклетҳо ва ғайра ба осонӣ дарёфтан мумкин аст. Агар ширкатҳои бузург дар бисёр мавридҳо ҳалли масъалаҳои оройишӣ ва графикии худро бар дӯши хадамотҳои махсуси дизайнерӣ вогузор намоянд, пас ширкатҳои нисбатан хурдтар ҳалли чунин масъалаҳоро асосан бо ёрии нармафзорҳои дар ихтиёрдоштаашон ба роҳ мемонанд.

Таҳлилҳои оморӣ аз он шаҳодат медиҳанд, ки дар замони муосир қариб 90 фоизи вақти барномарезони касбиеро, ки ба эҷоди барномаҳои татбиқии истифодаи умум машғуланд, маҳз графиксозии компютерӣ банд менамояд. Масалан, бе истифодаи графики компютерӣ ягон барномаи чандрасонаӣ кор карда наметавонад. Яъне графики компютерӣ ба ҷузъи таркибии барномаҳои чандрасонаӣ табдил ёфтааст. Корхонаҳои рекламавӣ, матбааҳо ва нашрияҳо низ фаъолияти эҷодии худро дар заминаи барномаҳои графикӣ ба роҳ мондаанд.

Зарурияти истифодаи васеи воситаҳои барномавӣ-графикии муосир аз бисёр ҷиҳат ба рушди бемайлони Интернет

алоқамандӣ дорад. Дар ин раванд, махсусан, саҳми торнигори ҷаҳонӣ (WWW), ки дар шабакаи саросарӣ даҳҳо миллион Web-сафҳаҳоро бо дизайнҳои дилкаш ва нотакрор пайваст намудааст, хеле назаррас мебошад.
Ҳоло барои татбиқи графики компютерӣ теъдоди калони нармафзорҳо рӯйи кор омадаанд, ки ҳар кадомашон нисбат ба якдигар имконият, бартарӣ ва норасоиҳои ба худ хосро доро мебошанд. Ин барномаҳо метавонанд тавассути ягон системаи амалиётии мушаххас мавриди истифода қарор дода шаванд. Принсипи графиксозӣ (расмкашӣ, оройишдиҳӣ ва ғайра) низ дар ин барномаҳо метавонанд аз ҳамдигар фарқ дошта бошанд. Инъикоси тасвирҳои бо ёрии онҳо сохташуда дар экрани монитор ва чопи онҳо дар коғаз ҳам метавонанд моҳиятан аз ҳамдигар ба куллӣ фарқ кунанд.